**Тақриз**

**ба диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ**

Диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” яке аз мавзуъҳои муҳим буда, барои таълими фанни “Назария ва практикуми ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ” дар факултетҳои омӯзгорӣ асосӣ ҳисоб меёбад. Аҳамияти таълимии фанни мазкур пеш аз ҳама барои ҳаёти ҳамарӯзаи муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар омӯхтани дигар фанҳои таълимӣ ва рушду инкишофи ин соҳа ифода ёфтааст.

Асосан, омӯзиши фанни мазкур дар донишҷӯён малакаю маҳорати фикрронӣ ва фаъолияти бошууронаро талаб менамояд. Таълими ин фан дар донишҷӯёни факултети педагогика мақсаднокӣ, устуворӣ, эҷодкорӣ, мустақилӣ, меҳнатдӯстӣ ва тафаккурро ташаккул медиҳад.

Аз ин лиҳоз, рисолаи пешниҳодгардида ба яке аз проблемаҳои ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди таълими математика бахшида шудааст.

Дар рисола унвонҷӯ масоили таҳқиқот, асосӣ будани он ва ҳар як шахс ба ҳаёт дар шаклҳои гуногун ба мафҳуми “масъалаҳо” вохӯрда бо назардошти донишу таҷрибаи ҳаётиаш онро ҳал менамояд, ҳалли масъала, инчунин масъалаи математикии соф, масъалаи дар назди инсон пешомада дар истеҳсолот аз қадим боз мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дорад, шарҳ додашуда, имкониятҳо, роҳу усулҳои методикаи ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» озмоиш карда шуда ва таъсири

мусбати он ба омодагии касбӣ-методӣ сифати навишти корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм ошкор карда шудааст.

Бинобар ин, рисола аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, масъалагузорӣ, таҳлил ва бардошти хулосаҳо мубрам буда, барои рушду такомули раванди таълиму тарбия, дар маҷмуъ ба низоми маорифи кишвар аҳамияти илмию амалӣ дорад.

**Мақсади таҳқиқот** аз ошкоркунии имкониятҳо, асосноккунии назариявӣ ва амалан санҷидани шароитҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди таълими «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» иборат аст.

**Объекти таҳқиқот**ро раванди таълимӣ-тарбиявии таҳсилот оид ба омодасозии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишгоҳи омӯзгорӣ ташкил намудааст.

**Предмети таҳқиқот**ро роҳу усулҳои ташаккули фаъолияти таълимӣ -таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди таълими «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ фаро гирифтааст.

**Фарзияи таҳқиқот**ро ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ибтидоӣ буда, барои омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Диссертант қайд мекунад, ки фаъолияти таълимии таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар сурате самаранок мегардад, ки агар моҳият, сохтори фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии онҳо дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ дақиқ карда шавад; имкониятҳои мавҷудаи ҷалби донишҷӯёни факултети педагогика ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» муайян гардид; коркарди методии ҷалби донишҷӯёни факултети педагогика ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» ба таври зарурӣ ба роҳ монда шавад; истифодаи таҷрибаи ҳосилшударо оид ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар ҳалли масъалаҳои матнии душвор

амалӣ карда шавад; самаранокии коркарди методӣ тавассути озмоиш санҷида шавад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки моҳият ва мазмуни омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун сифати ҳамгирои шахсият, ки муаллимони ояндаро майли ворид шудан ба муҳити фаъолияти таҳқиқотӣ доранд, инчунин таҷрибаи иҷрои фаъолияти таҳқиқотиро дар ҳолатҳои стандартӣ ва ҳолатҳои проблемавӣ мекунанд, ошкор гардид; муқаррар ва илман имкониятҳои бомуваффақияти ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» асоснок карда шуд; меъёрҳо, дараҷаҳои омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ: мароқнокӣ (муносибати мусбӣ ба касбӣ ояндаи худ, дарки моҳияти фаъолияти таҳқиқотӣ дар муваффақиятнокии худфаъолиятӣ); маърифатӣ (фаҳмиши методологӣ ва масъалаҳои таҳқиқотии педагогӣ, донишҳои мушаххаси фаннӣ ва ғайра); фаъолиятнокӣ (маҳоратҳои лоиҳабандӣ, маҳоратҳои асосноккунӣ, маҳоратҳои ташкилӣ, маҳоратҳои робитавӣ); инъикоскунанда (қобилияти иҷрои таҳлил ва баҳодиҳии нуқтаҳои назари гуногун оид ба масъалаҳои мушаххас, худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳии фаъолияти таҳқиқотӣ); роҳу воситаҳои истифодаи таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар беҳдошти омодагии касбӣ-методӣ, навишти корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм коркард карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада ҳиссаи муайяне ба назария ва методикаи таълиму тарбия ворид месозад. Дар кор мафҳуми омодагии муаллимони оянда ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҳамчун системаи ҳамгирои омӯзиши фанҳо, инчунин «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ пешниҳод гардид. Дараҷа ва меъёрҳои ташаккулёбии омодагии муаллимони оянда мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли

масъалаҳои матнӣ» муайян гардидааст. Натиҷаи таҳқиқот метавонад асоси назариявии коркарди ояндаи ин масъалагузориро ташкил намояд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** боиси муайянкунии барномаи корӣ ва васоити таълимии «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» гардид. Инчунин хулосаҳову андешаҳо, ки барои беҳдошт ва самаранокии раванди таълиму тарбия дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ мусоидаткунанда аст, барои мутахассиси ояндаи синфҳои ибтидоӣ лилпур хизмат карда метавонад.

Маводи рисоларо метавонанд баҳри беҳдошти системаи такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ истифода бурд. Бинобар ин, натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои пешниҳодшударо барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар асоси таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти олимони хориҷию ватанӣ оид ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҳамчун сифатҳои ҳамгироии шахсият, ки системаи амалиётҳои омӯзгори оянда ба муҳити фаъолияти таҳқиқотӣ нигаронида шудааст, ки донишҳои методологӣ оид ба моҳият, раванд ва маҳсули фаъолияти таҳқиқотӣ, таҷрибаи иҷрои фаъолияти таҳқиқотиро дар ҳолатҳои стандартӣ, проблемавӣ, қобилияти майлкунӣ, масъулиятнокӣ оид ба натиҷаи фаъолияти таҳқиқотиро ифода менамояд, тасаввур менамоем, ки мазмуни таҳсилот ҳангоми усулҳои масъалаҳалкунӣ шаклҳои ташкили раванди таълимро дарбар мегирад, мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст.

Рисола аз сарсухан, ду боб, панҷ банд, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия 152 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад. Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 171 номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ иборат аст.

Дар сарсухан муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ, дараҷаи коркарди масъалаҳои таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои методологию методҳои таҳқиқот, мантиқу сохтор ва мазмуни кори таҳқиқоти гузаронидани озмоиши педагогӣ, марҳилаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти

назариявии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот, амалисозӣ ва паҳнкунии натиҷаҳои таҳқиқот инъикос ёфтааст.

Боби аввал аз ду банд таркиб ёфта, дар он шарҳи мафҳумҳои асосии муҳимми баландбардории самараноки тайёрии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ робитаи зич ва мустаҳками корҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён ба ҷараёни таълим мебошад. Аз ин худи ҷараёни таълим ҳам бурд мекунад: дониши донишҷӯён амиқ гашта, тайёрии касбӣ-методии онҳо ба фаъолияти эҷодкоронаи омӯзгорӣ такмил меёбад, равияи касбии худи кори таҳқиқотӣ афзуда, наздикшавии беш аз беши он ба объекти асосии таҳқиқот-мактаб ва ҷараёнҳои дар он ба амалоянда ба даст оварда мешавад. Масъалаҳои тайёрии муаллимони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотии педагогӣ боиси дар онҳо ташаккули маҳоратҳои таҳқиқотӣ, зарурии амалисозии ин шакли фаъолият мешавад, ки дар заминаи ташаккулёбии мароқнокӣ-арзёбӣ, иттилоотӣ-мақсаднокӣ ва амалӣ-майлкунандагии омодагӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ амалӣ мегардад. Инчунин, ин фанни таълими бевосита ба ташаккули омодагии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқоти яке аз қисматҳои асосии тайёрии касбии онҳо ба шумор меравад. Дар замони муосир оид ба ин масъала, натиҷаҳои назаррасе пайдо шуда истодааст, ки тамоилҳои асосноки методӣ (масъалавӣ, системавӣ, салоҳиятнокӣ, технологӣ, фаъолиятнокӣ) тасвири онҳо дар раванди омодагии донишҷӯён ба фаъолияти таҳқиқотӣ - шаклу методҳои гуногуни асосноккоркардшудаи таълимӣ ва беруназтаълимӣ иштироки ҳамаи донишҷӯён ба фаъолияти таҳқиқотии мусоидаткунонида (машғулиятҳои таҷрибавӣ-амалӣ, конференсияҳо, семинарҳо ва ғайра) муайян карда шудааст.

Муҳтавои боби дуюмро таҳлил ва баррасии масоили ташкили раванди таълим мавриди таҳлили таҳқиқотҳои номбурда имконият медиҳад, ки тамоили технологияи касбӣ-нигаронидаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун системаи психологӣ, умуми-педагогӣ, дидактикию методии робитаи байни омӯзгор ва донишҷӯ бо

назардошти хусусиятҳо ва майлу рағбатҳое, ба амалисозии мазмун, методҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълим дар мувофиқа ба ҳадафҳои таҳсилот, ки сифатҳои муҳимми мутахассиси оянда мусоидат менамояд, равона гардидааст.

Дар таҳлил натиҷаҳои озмоиши педагогӣ муайян карда шудааст, ки мақсади ошкор сохтани боэътимодии истифодаи коркарди методикаи таълим доир ба паҳнкунӣ ва санҷиши самараноки омодагии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ мавриди омӯзиши ҳамгироии “Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” бо дигар фанҳои сикли математикию методї амалї нашудааст.

Мақсаду ҳадафҳои озмоиши педагогӣ аз паҳнкунӣ ва санҷиши самараноки омодагии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ мавриди омӯзиши ҳамгироии “Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” бо дигар фанҳои бахши математикӣ-методӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар зинаи озмоишӣ барқароркунии далелҳо мақсад, вазифа, масъалаҳо, ғояҳои пешбарандаи фаъолияти озмоишӣ, муқарраркунии ҳолати кунунии омодагии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ, муайянкунии нишондодҳои ташаккулёфтаи омодагӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ, гузаронидани барқароркунии далелҳои таъсирбахши сатҳи ташаккулёфтаи омодагии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ ба итмом расонида шудааст.

Дар хулоса, натиҷагириҳо ва навгониҳои кор ҷамъбаст карда шудаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи илмии Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - педагогика ва методикаи

таълими ибтидоӣ кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, масъалаи мубрами рӯзро таҷассум менамояд. Рисола дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, ба меъёрҳои муайянкардаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Бинобар ин, диссертант Шукурзода Хуршеди Абдумумин барои сазовор гаштан ба дараҷаи доктори фалсафа-PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ арзанда мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти

кафедраи технологияи иттилоотӣ

ва методикаи таълими информатикаи

ДДБ ба номи Носири Хусрав: Файзалиев Б.Ф.

faizalizoda.bakhrullo@gmail.com
735140, Ҷ.Т. ш. Бохтар, хиёбони Айнӣ 67
ДДБ ба номи Носири Хусрав. Тел: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53

Имзои Файзуллозода Баҳрулло Файзалиро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав: Ҷ. Шукурзод